# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

Автореферати диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло ба яке аз масъалаҳои мубрами илми криминалистика ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар шароити муосир, ки шаклу усулҳои содир ва пинҳон намудани ҷиноятҳо пайваста мураккаб гардида, истифодаи технологияҳои нав, тағйирёбии муҳити ҷиноятӣ ва афзоиши муқовимат ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мушоҳида мешавад, масъалаи таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ пайдо намудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо рӯйкарди нави илмиро пешниҳод намояд.

Боби якум таҳти унвони «Асосҳои назариявии истифодаи усулҳои тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо» ба таҳқиқи масъалаҳои назариявии мафҳум, моҳият ва аҳаммияти усулҳои тактикӣ, инчунин таснифи онҳо бахшида шудааст. Муаллиф табиати ҳуқуқӣ ва криминалистии усули тактикиро таҳлил намуда, нақши онро дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тафтишотӣ асоснок кардааст.

Дар боби дуюм таҳти унвони «Асосҳои методологӣ ва ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ» муаллиф масъалаҳои методологии истифодаи усулҳои тактикӣ, асоснокии илмӣ, мутобиқати онҳо ба қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ва талаботи ахлоқиро таҳлил менамояд.

Боби сеюм таҳти унвони «Усулҳои тактикӣ ва тактикӣ-техникии криминалистӣ ва амалишавии қарорҳои муфаттиш дар тафтиши ҷиноятҳо» ба таҳқиқи масъалаҳои амалии татбиқи усулҳои тактикӣ, қарорҳои тактикии муфаттиш, таносуби усулҳои тактикӣ ва тактикӣ-техникӣ, инчунин

пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои навгонии назариявӣ ва амалии илмӣ мебошанд. Муаллиф бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти мукаммалро оид ба истифодаи усулҳои тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо анҷом дода, мафҳуми усули тактикӣ, таснифи нави онҳо, ченакҳои қобили қабул будани истифода ва моҳияти қарорҳои тактикиро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии пешниҳодшуда барои рушди минбаъдаи назарияи криминалистика ва такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти назаррас доранд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи заминаи мустаҳками назариявӣ ва эмпирикӣ таъмин гардидааст. Муаллиф аз осори олимони ватанию хориҷӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокуратура, маълумоти омории Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ истифода намуда, хулосаҳои худро бо далелҳои илмӣ асоснок кардааст. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар рушди таълимоти илмӣ оид ба усулҳои тактикӣ, муайян намудани моҳият, тасниф ва ченакҳои истифодаи онҳо ифода меёбад. Аҳаммияти амалии он бошад, дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокуратура, инчунин дар раванди таълими фанҳои криминалистика ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мавриди истифода қарор гиранд. Дар баробари дастовардҳои назаррас, автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталабро низ доро мебошад. Аз ҷумла, муаллиф таснифи нави усулҳои тактикиро пешниҳод намудааст, ки дорои аҳаммияти назариявӣ мебошад. Ҳамзамон, дар автореферат муқоисаи самаранокии таснифи пешниҳодшуда бо таснифоти дар адабиёти криминалистии муосир мавҷудбуда ба таври кофӣ нишон дода нашудааст. Ба андешаи мо, чунин муқоиса метавонист бартариҳои илмии таснифи пешниҳоднамудаи муаллифро боз ҳам равшантар асоснок намояд. Вале ин эрод

хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, ҷавобгӯи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим буда, муаллиф ҳамчун муҳаққиқи мустақил қобилияти ҳалли масъалаҳои муҳими илми криминалистикаро нишон додааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи: «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №265) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.12 Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Давлатзода К.Д.
**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов 31, хонаи 6
E.mail: komron231823@gmail.com; Тел: корӣ 221-06-10; 93-823-18-23

Имзои Давлатзода К.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф. Ф.

«1» 09 соли 2026

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42.
Тел.: +992 (37) 223-06-10; E.mail: dushanbe80@yahoo.com